*ЛОИҲА*

# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-027
### оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба
## КАРИМЗОДА ШАВКАТ КАРИМ

Диссертатсияи Каримзода Шавкат Карим дар мавзӯи "Асосҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ" дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №20 аз 5 феврали соли 2021, шӯрои диссертатсионии 6D КОА-027-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Каримзода Шавкат Карим дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 24.12.2015с. тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Каримзода Шавкат Карим дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2020 муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ интишор шуда, 5 номгӯи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ФР тавсияшуда, ба табъ расидаанд.

**Рохбари илмӣ:** Каримова Ирина Холовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

## МУҚАРРИЗОНИ РАСМӢ:

**Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи риёзиёт ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.

**Юсупов Саид-Акрамхоҷа Муминович**- номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи сохтмон ва корҳои марк-шейдерии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

## МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА:

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода**

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба Шӯрой диссертатсионӣ ворид шудааст:

1. **Файзализода Ҷумахон Хол** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори МД "Китобхонаи Миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.
2. **Маҷидова Бибиҳафиза** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Муқарриз эрод надорад.

3. **Мавлоназаров Силмон** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.
4. **Қурбонзода Муҳаммадсалим -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Филиали донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи ш.Душанбе. Муқарриз эрод надорад.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шӯрой диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1. Пешниҳоди илман асосноки раванди педагогии кор бо хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳри Душанбе.
2. Асоснок намудани банақшагирии таълим ва омӯзиши хонандагони лаёқатманд аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва такмили усулҳои таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ.
3. Таҳияи барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методию таълимӣ барои машғулиятҳои гурӯҳӣ ва инфиродии рушди хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо ин муайян карда мешавад, ки:**

- зарурати такмил додани методикаи таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотиро дар низоми таҳсилоти иловагӣ асоснок менамояд, ки пешниҳоди он бевосита ба раванди омӯзиши мавод дар марҳилаи аввал дар доираи таҳсилоти иловагӣ хонандагонро ба фанни технологияҳои иттилоотӣ мувофиқи сохтори се марҳилавии он дар назар доштааст;

- модели низоми инноватсионии таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои кӯдакони лаёқатманд, ки омодагии онҳоро барои фаъолияти касбӣ ва соҳиб шудан ба дастовардҳои баланд дар соҳаи технологияи иттилоотӣ таъмин менамояд, таҳия мешавад;

- таъмини таълим ва методологии курси пропедевтикӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;

- технологияи ташаккули ҷузъи иттилоотии фарҳанги касбии мутахассисе, ки дар сатҳи пропедевтикӣ, дар асоси равиши матни дар доираи блок-модулии таъсиси курс ва усулҳое, ки принсипи дугонаро амалӣ менамояд, таҳсил мекунад;

- низоми ташаккули омодагии эҷодӣ ва коммуникативии хонандагон барои идомаи таҳсил ва худрушднамоӣ тавассути таълими пропедевтӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ барои кӯдакони лаёқатманд;

- низоми ташкили фаъолияти беруназсинфии хонандагони

лаёқатманд ва алгоритми мустақили омӯзишӣ бо дарназардошти талаботи ҷомеа ва ниёзҳои таълимии шахс;

- мониторинги квалиметрии сифати фарҳанги иттилоотӣ ва рушди хонандагон, ки ба онҳо имконияти татбиқ намудани таҳлил, арзёбӣ ва ислоҳи саривақтии онҳоро фароҳам меорад;

- меъёрҳои ташаккули маҳоратҳои касбии хонандагон, аз ҷумла сатҳи дониши донишу малакаҳои ибтидоии касбӣ, омодагии эҷодӣ барои идома додани таҳсил дар шароити нав ва ташаккули сифатҳои шахсии мутахассиси оянда.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот бо ин муайян карда мешавад, ки:**

- нақш ва мавқеи таҳсилоти иловагии хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ муайян карда шуда, самтҳои такмил додани методикаи таълими хонандагон дар системаи он муайян карда шудаанд;

- низоми педагогии таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони лаёқатманд, ки дар таҷрибаи таълими мактабҳо ва марказҳои рушди истеъдодҳо, дар курсҳои таълимии компютерии назди марказҳои кӯдакон ва наврасон ҷорӣ гардида, имкон дод, ки сифати таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони болаёқат баланд бардошта шавад;

- манбаъҳои таҳияшуда барои назорат ва таълими маводди дидактикиву воситаҳои баҳодиҳӣ ва ташхиси омодагии хонандагон барои омӯзиши бомуваффақияти фанни технологияи иттилоотӣ аз ҷониби омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ дар Маркази рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва ноҳияҳон он ва дар раванди баланд бардоштани ихтисоси кормандони соҳаи маориф дар Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе истифода мешаванд;

- тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони технологияи иттилоотӣ доир ба омодасозии хонандагони болаёқат барои иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ коркард гардида, дар фаъолияти амалии омӯзгорони технологияи иттилоотӣ истифода карда мешаванд;

- ҷорӣ намудани методикаи пешниҳодшудаи таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ барои хонандагони болаёқат дар низоми таҳсилоти иловагӣ имкон медиҳад, ки баррасии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои инфиродӣ фароҳам оварда шавад ва дархостҳои гуногуни хонандагони болаёқат пурра ба назар гирифта шаванд;

- маводи методии таҳия намудаи мо метавонад дар низоми таҳсилоти иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани самаранокии он ва барои таълим ва бозомӯзии кадрҳои дахлдори педагогӣ истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот.**

**Эътимоднокии** натиҷаҳои илмии рисолаи диссертатсионӣ, саҳеҳии хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас бо санҷиш ва озмоиши онҳо дар

муассисаҳои давлатии “Маркази рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе”, “Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе”, дар конфронсҳои илмӣ, симпозиумҳо ва семинарҳо исботи худро пайдо намудаанд.

**Асоснокии** бадастомадаи натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ чунин таъмин мешавад:

- муайянсозии мушаххаси мушкилот, вазифаҳо ва мавзӯи соҳаи таҳқиқот;
- татбиқи мунтазами асосҳои назариявӣ ва методологии коркардҳое, ки эътирофи илмиро соҳиб гардида, аз санҷиши ҳамаҷонибаи амалӣ гузаштаанд;
- истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳқиқоти илмӣ, ки бо мақсад, вазифа ва мантиқи он мувофиқ мебошанд;
- мувофиқатии таҳлилҳои сифатӣ ва миқдорӣ бо раднопазирии мантиқии хулосаҳо.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ аз инҳо иборат аст:**

-иштироки бевоситаи муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низом дароварии онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; -муайянсозии нақш ва аҳамияти ташхиси лаёқатмандӣ дар низоми таҳсилоти иловагӣ ва дар ин асос муайян кардани самтҳои такмили методикаи таълими технологияҳои иттилоотӣ дар системаи таҳсилоти иловагӣ;-муайян кардани мундариҷа ва хусусиятҳои методикаи татбиқи марҳилаҳои алоҳидаи таҳсилоти иловагӣ барои хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ;- санҷиш ва таҳлили самаранокии методикаи таҳияшуда бо роҳи озмоишӣ-таҷрибавӣ. - интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзӯъ ва дар семинару конфронсҳои илмӣ-назариявии умумиҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ба сифати маърӯза муаррифӣ намудан.

Диссертатсия масъалаҳои асосии ҳадафҳои илмии таҳқиқот - системаи таҳсилоти иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, шароит ва равандҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мебошад ки ба меъёри ягонагии дохилӣ мутобиқ аст, фаро мегирад ва боэътимодии он бо пояи мустаҳками методологӣ, нақшаи саҳеҳи коркарди муназзам ва мунтазами илмӣ ва хулосаҳои мантиқӣ арзёбӣ шудааст.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 12 нафар, аз онҳо 8 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ **12 нафар,**
муқобили додани дараҷаи илмӣ **нест.**
бюллетенҳои беэътибор – **нест.**

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 15 майи соли 2021 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Каримзода Шавкат Карим дар мавзӯи "Асосҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ" кори таҳқиқотии мустақилонаи анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Ба Каримзода Шавкат Карим дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дода шавад.
2. Хулоса ва қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 дар назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар мувофиқа бо "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, тасдиқ карда шавад.
3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулоса ва қарори шӯроро тасдиқ намояд ва ба Каримзода Шавкат Карим дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-027, доктори илмҳои**
**педагогӣ, профессор** **Шаропов Ш.А.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-027**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Бобоева С.Б.**
**15.05.2021с.**

Имзоро тасдиқ менамоям
Мудири раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Хусинова З.С.